**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ**

Пажӯҳише, ки диссертант Бухориев Олим Салимович анҷом додааст, ба яке аз мавзуъҳои муҳимми илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик “Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ” бахшида шудааст. Мавзуъ аз он ҷиҳат мубрам арзёбӣ мешавад, ки дар он хусусиятҳои асосии навъи дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ (адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик) ва гуфторӣ (фолклор) ба тафсил таҳқиқ шудаанд. Агарчи оид ба баъзе хусусиятҳои навъи дубайтӣ дар рисолаву мақола ва китобҳои илмӣ-адабӣ ишораҳо ба назар мерасанд, вале муҳаққиқони ин соҳаи илм то ҳол дар самти пажуҳиши вижагиҳои гуногуни дубайтӣ дар адабиёти гуфторӣ таҳқиқоти алоҳида дар шакли рисола анҷом надодаанд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки унвонҷӯ таҳлилу баррасии диссертатсияи хешро дар пояи усулҳои маъмули илми фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, яъне усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлили тасвирӣ амалӣ сохта, аз осори илмии муҳаққиқони шинохтаи ин соҳа фаровон истифода намудааст ва саҳми эшонро дар ин самт воқеӣ ва бо эҳтиром таъкид кардааст.

Маҷмуи донишҳои назарие, ки дар автореферати диссертатсия барои арзёбии вижагиҳои навъи дубайтӣ ба кор рафтаанд, дар ҳалли чунин масъалаҳои адабӣ ба магистрант, докторантҳои Ph.D ва дигар довталабони дараҷаҳои илмӣ дар соҳаҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мусоидат менамоянд.

Тибқи мутолиаи автореферат натиҷаҳои таҳқиқ ва маводи илмии диссертатсия дар заминаҳои амалии зерин қобили истифодаанд: ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ оид ба фолклор ё адабиёти тоҷик, таълифи

мақолаҳои илмӣ дар соҳаҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ; таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ барои устодон ва донишҷӯйёни факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгории кишвар, таҳияи китобҳои дарсӣ аз фанни адабиёти тоҷик барои муаллимон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Аз автореферат маълум мешавад, ки муҳимтарин нуктаҳои кор дар маҷаллаҳои илмӣ ба нашр расида, аз тариқи маърузаҳо дар конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд. Аз он ҷумла, 4 мақолаи муаллиф дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия чоп шудаанд.

Дар баробари комёбиҳои арзишманди илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ва ислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо бамаврид буда, ба ҷиҳати хубии кори илмӣ меафзоянд, аз ҷумла:

1. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ, услубӣ ва имлоӣ дида мешаванд. Ҳамчунин дар баъзе ҳолат дар дохили як ҷумла ному насаби баъзе олимон дар шакди пурра ва баъзеашон дар шакди нопурра, монанди Раҷаб Амонов ва А. Аминов ва ғайра (ниг.: саҳ. 5), оварда шудаанд. Ба андешаи мо, унвонҷӯй дар ин маврид меъёри ягонаро интихоб менамуд, мувофиқи матлаб мебуд.

2. Дар баъзе ҳолатҳо диссертант ҳангоми баёни фикр ба такрори калимаҳо роҳ додааст, ки чунин тарзи ифода услуби ҷумлаҳоро каме коҳиш медиҳанд. Агар дар чунин ҳолатҳо аз муродифи чунин калимаҳо истифода мешуд, беҳтар буд.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, ҳаргиз кимати илмии диссертатсияро паст карда наметавонад.

Хулоса, диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб

меравад, муаллифи он сазовори дарачаи илмии номзади илми филология мебошад.

Доктори илми филология, профессори
кафедраи таърихи адабиёти точики
Донишгохи миллии Точикистон Тоиров У.
«22» августи соли 2023

Суроға: 734025, Ҷумҳурии
Точикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 905-55-99-00

Имзои У. Тоировро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрхо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии
Точикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: .+992(37) 221-62-25.
E - mail: info@tnu.tj
«22» августи соли 2023